# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

1. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки амнияти иқтисодии дилхоҳ давлат як ҷузъи калидии амнияти миллӣ ба шумор меравад ва коста гардидани он боиси косташавии тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ мегардад ва ё боиси маҳдуд гардидани манфиатҳои иқтисодии шахс, ҷамъият ва давлат мегардад. Ҳимоя намудани муносибатҳои молумулкӣ дар давлат, яке аз асосҳои устувори таъмини муътадили воқеии иқтисодиёти давлат ба шумор меравад.

Дар ин ҷода, бешак ҳақ бар ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд намудаанд, ки барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини амнияти иқтисоди миллӣ таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии муайян мавҷуд мебошад, ки раванди мазкур, асосан тавассути амалӣ намудани чораҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ, татбиқ карда мешаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки бештари ҷиноятҳои дар ҷумҳурӣ содиршаванда ба ҷиноятҳо муқобили моликият тааллуқ дошта, ҷиноятҳои хусусияти тасарруфидошта як қисми таркибии ҷиноятҳои категорияи мазкурро ташкил медиҳанд. Гарчанде теъдоди содиршавии ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар муқоиса бо ҷиноятҳои ба тасарруфи молу мулки ғайр тааллуқдошта, нисбатан кам ба қайд гирифта шаванд ҳам, онҳо бештар ба тасарруф намудани молу мулки давлатӣ, ба миқдори калон ва ё аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир мешаванд, ки ҳолати мазкур аҳаммиятнокӣ ва муҳиммияти масъалаи матраҳшавандаро хеле зиёд мегардонад. Маҳз бо назардошти муҳиммияти масъалаи мазкур, ҳамчунин, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар заминаи онҳо пайдо шудани

муносибатҳои нав, ҳолати кунунии криминогенӣ ва ҷой доштани камбудиҳо дар самти ошкор намудан, кушодан, тафтиш ва баҳои дуруст додан ба кирдори шахсони гунаҳкор омӯзиши мавзуи мазкур аз нуктаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ буда, яке аз мавзуъҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Акмалзода Н.Н., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Акмалзода Н.Н., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Акмалзода Нодирхон Носир дар мавзуи «Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ», ки ба Шурои

диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– **Қудратов Некруз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Одиназода Носир Садир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи нозиротӣ-ташкилии Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Абдуҳамитов В.А.

н.и.ҳ., дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Шарипов С.С.

Имзои Азиззода У.А. ва Шарипов С.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон А.А. Раҳимов
«21» сентябр 2024 с.